ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ
ШАХСОНИ ВОҚЕЙ

# ҲИСОБОТИ СОЛОНА 2020

**«ТАСДИҚ ШУДААСТ»**
**бо Қарори Шӯрои нозирони**
**Хазина аз 19 феврали с.2021, №3**

# ҲИСОБОТИ СОЛОНАИ ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ БАРОИ СОЛИ 2020

**Душанбе - 2021**

# МУНДАРИЧА

**ИХТИСОРАҲО......................................................................................................4**

**ХАЗИНА.............................................................................................................5**

**МУҚАДДИМА....................................................................................................6**

**1. ШАРҲИ МУХТАСАРИ ВАЗЪИ МАКРОИҚТИСОДӢ ВА НИЗОМИ БОНКӢ.......................................................................................7**

1.1. Бахши воқеии иқтисодиёт.......................................................................7
1.2. Бахши низоми бонкӣ..............................................................................11
1.3. Бозори қарз ва пасандозҳо.....................................................................13

**2. НИЗОМИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲО ВА ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ МУНАЗЗАМИ ОН.......................................................18**

2.1. Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ.......................................................................................18
2.2. Суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ аз ҷониби Хазина........................21
2.3. Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва пардохти ҷубронпулии суғурта...........................................................28
2.4. Арзёбии пардохтҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина.................31
2.5. Санҷиши ташкилотҳои қарзии узви Хазина ..........................................34

**3. ТАЪМИНИ ИҶРОИ ДИГАР ВАЗИФАҲОИ ХАЗИНА...............................36**

3.1. Фаъолияти сиёсати сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳо...................36
3.2. Такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ................................39
3.3. Фаъолияти таблиғотӣ ва робита бо ҷомеа...............................................42
3.4. Сохтори ташкилӣ ва кормандони Хазина................................................45
3.5. Ҳамкориҳои байналмилалӣ.....................................................................46

**4. ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ ХАЗИНА.......................................................47**

**5. НАҚШАҲОИ ХАЗИНА БАРОИ СОЛИ 2021.........................................50**

**ЗАМИМАҲО...................................................................................................51**

# ИХТИСОРАҲО

**АБСП (IADI)** – Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо

**БМТ** – Бонки миллии Тоҷикистон

**БАТР** – Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд

**БОР** – Бонки Осиёгии Рушд

**Вазорати молия** - Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИМА** – Иёлоти муттаҳидаи Америка

**КМА, Кумитаи АБСП (IADI)**- Кумитаи минтақавии Авруосиёи Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо

**Қонун** – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”

**ММД** – Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ

**Ташкилоти қарзии узви Хазина** - Ташкилотҳои қарзии – узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ

**ТАҚХ** – Ташкилоти амонатии қарзии хурд

**ТҚ** – Ташкилоти қарзӣ

**ТҚМ** – Ташкилотҳои қарзии молиявӣ

**Хазина** – Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ

**ХБА** – Хазинаи байналмилалии асъор

**Шӯрои нозирон** - Шӯрои нозирони Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ

**ҶДММ** – Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд

**ҶСК –** Ҷамъияти саҳомии кушода

**ҶСП –** Ҷамъияти саҳомии пушида

**ҶТ –** Ҷумҳурии Тоҷикистон

**COVID-19 –** Беморecho сироятии коронавирусӣ (Coronavirus disease)

## ХАЗИНА

Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ (минбаъд Хазина) бо мақсади ҳифзи пасандозҳои аҳолӣ аз хавфи муфлисшавии ташкилоти қарзӣ дар асоси қарори муассисон соли 2004 ҳамчун “Фонди кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ” таъсис дода шудааст. Дар натиҷаи таҷдиди сохтори ташкилию ҳуқуқӣ ва мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, Хазина вориси ҳуқуқии “Фонди кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ” гардида, ҳуқуқу уҳдадориҳо, молу мулк ва кафолатҳои онро ба зимма гирифт.

Заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти Хазина бо Қонуни мазкур танзим карда шуда, мутобиқи он мақсади асосии Хазина ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон бо роҳи пардохти ҷубронпулии суғурта ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Қонуни мазкур ба андозаи муайян кафолати пасандозҳои шахсони воқеиро дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина пешбинӣ менамояд.

Бахри ноил гардидан ба мақсадҳои худ Хазина фаъолияти низоми суғуртаи пазандозҳои шахсони воқеиро танзим менамояд, ҷубронпулии суғуртаро сари вакт муайян ва ба пасандоздорон пардохт мекунад, феҳристи ташкилотҳои қарзии узви Хазинаро омода менамояд, пардохтҳои ташкилотҳои қарзиро арзёбӣ, ҷамъоварӣ ва баҳисобгирии онро амалӣ менамояд, бо мақсади андӯхти молу мулки Хазина маблағҳои Хазинаро сармоягузорӣ, идора ва ҷойгир мекунад. Инчунин, тибқи Қонун ваколатҳои Хазина иштироки онро дар раванди батанзимдарории ташкилотҳои қарзӣ пешбинӣ менамояд.

Хазина дар раванди фаъолияти корӣ принсипҳои ҳатмӣ будани узвияти ташкилотҳои қарзӣ, ки иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро барои ҷалби пасандозҳои шахсони воқеӣ доранд[1], таъмини шаффофият ва масъулияти молиявиро асос мекунад.

Мақоми олии идоракунии Хазина, ки барои назорати умумии фаъолияти Хазина масъул аст, Шӯрои нозирони Хазина мебошад.

[1] *Бонкҳои давлатӣ ва исломӣ тибқи қонунгузории ҷорӣ аз узвият истисно шудаанд.*

# МУҚАДДИМА

Дар соли 2020 бинобар ба таври бемайлон авҷ ва паҳн гардидани пандемияи бемории сироятии коронавируси нав (COVID-19), таъсири он дар саросари мамлакатҳои ҷаҳон талафот ва монеаҳои зиёди рушди иқтисодиётро ба бор овард. Иқтисодиёти ҷумҳурии мо низ дар соли 2020 бо хуруҷи бесобиқаи пандемия ва оқибатҳои он рӯ ба рӯ шуд, ки дар натиҷа сустшавии рушди воқеии иқтисодиёт нисбат ба солҳои қаблӣ ба андозаи назаррас ба қайд гирифта шуд. Ба ғайр аз сукут дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёти миллӣ, коҳишёбӣ ва мушкилиҳо дар дигар бахшҳои макроиқтисодӣ, пеш аз ҳама дар бахшҳои фискалӣ ва иқтисоди хориҷӣ мушоҳида гардид.

Дар бахши бонкӣ бошад нишондиҳандаҳои асосӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки бо вуҷуди таъсири пандемия вазъи низоми бонкӣ нисбатан устувор буда, дар он тамоюли афзоиши ҳаҷми дороиҳо, қарзҳо, пасандозҳо ва сармоя нигоҳ дошта шуд. Ҳамзамон, дар умум сифати дороиҳо, меъёрҳои сармоя ва пардохтпазирӣ, инчунин нишондиҳандаҳои даромаднокии молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар сатҳи нисбатан мусбӣ ҷамъбаст гардиданд.

Дар давоми соли сипаригашта низ масъалаи бонкҳои мушкилотдор[2] роҳи ҳалли муносиби худро наёфта, хавфи ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ин бонкҳо пайваста баланд арзёбӣ мегардид. Бояд қайд намуд, ки ҳоло ҳам ҳиссаи назарраси ҳаҷми умумии пасандозҳои шахсони воқеӣ ба онҳо рост омада, идомаёбии номуайянӣ ва мушкилии бонкҳои муаммодор ба вазъи низоми бонкию молиявӣ ва низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, инчунин эътимоднокии низом таъсири манфӣ расонида истодааст.

Фаъолияти Хазина дар соли 2020 ҷиҳати таъмини ваколатҳои ба зиммаи он вогузоршуда бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар амалӣ гашт. Дар ин раванд, бо мақсади иҷрои вазифаҳои асосии худ Хазина тадбирҳоро дар самти танзими босамари низоми

[2] *Аз ҷумла, ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк"*

суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ идома дода, маблағи пасандозҳои шахсони воқеиро мавриди суғурта қарор дод ва пардохти ҷубронпулии суғуртавиро ба пасандоздорони ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда саривақт ва ба пуррагӣ таъмин намуд.

Дар соли 2020 новобаста аз омилҳои таъсиррасон фаъолияти молиявии Хазина бо нишондиҳандаҳои мусбӣ ҷамъбаст гардида, ҷиҳати дар давраи дарозмуҳлат таъмин намудани устувории молиявӣ ва иҷрои босамари ваколатҳои он, инчунин дар самти такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва пешбурди корҳои таблиғотӣ ва ташвиқотӣ, аз ҷониби Хазина дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва вазорату идораҳои дахлдор як қатор тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд.

Ҳисоботи солонаи Хазина барои соли 2020 мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» омода гардида, он таҳлили вазъи низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, фаъолияти Хазина дар самти иҷрои вазифаҳои вогузоршуда ва ҷамъбасти натиҷаҳои ҳисоботи молиявии Хазинаро дар бар мегирад.

## 1. ШАРҲИ МУХТАСАРИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ МАКРОИҚТИСОДӢ ВА НИЗОМИ БОНКӢ ДАР СОЛИ 2020

Вазъи макроиқтисодӣ ва низоми бонкӣ ҳамчун омилҳои ба тамоюли рушди низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ таъсиррасон, арзёбӣ мегардад. Бинобар ин, Хазина раванди таъсири хавфҳо ва омилҳои манфии дохилию берунӣ ба устувории макроиқтисоди кишвар, вазъи низоми молиявию бонкӣ ва низоми суғуртаи пасандозҳоро бо дарназардошти таъмини фаъолияти муназзами Хазина пайваста мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор медиҳад.

### 1.1. Бахши воқеии иқтисодёт

Тибқи нишондиҳандаҳои омори макроиқтисодӣ дар соли 2020 дар натиҷаи таъсири пандемияи COVID-19 раванди рушди

иқтисодиёти кишвар нисбат ба соли қаблӣ дар сатҳи пасттар ҷамъбаст ёфт. Аз ҷумла, рушди воқеии ММД дар соли баррасишаванда 4,5 фоизро ташкил дод (дар соли 2019 рушди он 7,5 фоизро ташкил дода буд), ки он асосан аз ҳисоби саҳми рушди истеҳсолот дар соҳаҳои саноат (9,7 фоиз) ва кишоварзӣ (8,8 фоиз) ба вуқуъ омад.

**Афзоиши ММД ва рушди воқеии он**
(манбаъ: Агентии омор)




Бо назардошти хатар ва мушкилиҳои шадиди бевосита ба масъалаи ҳаёту саломатии мардум дахлдор, ворид гардидани чораҳои пешгирикунанда, аз он ҷумла маҳдудиятҳо вобаста ба ҳаракату рафтуомади одамон ва васоити нақлиёт, фаъолияти нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ, равобити муҳоҷирони меҳнатӣ ва тиҷорати фаромарзӣ дар маҷмуъ боиси суст шудани фаъолнокӣ, сатҳи талабот, даромаднокӣ ва шуғл дар иқтисодиёти миллӣ гардид. Дар навбати худ омилҳои мазкур ба рушди соҳаҳои дигари иқтисодиёт, пеш аз ҳама ба гардиши савдои умумӣ ва чакана (-6,8 фоиз), хизматрасонӣ (-2,6 фоиз), аз он ҷумла хизматрасонии меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо (-24,0 фоиз), сохтмон (-4,6 фоиз) ва нақлиёт (аз ҷумла, мусофиркашонӣ -2,5 фоиз ва боркашонӣ -0,3 фоиз) таъсири манфии худро расониданд.

Ҳамзамон, вобаста ба сустшавии сатҳи талаботи истеъмолӣ, сармоягузориҳои бахшҳои хусусию давлатӣ ва вуруди трансфертҳои фаромарзӣ, ҳаҷми воридот нисбат ба соли қаблӣ то андозае коҳиш ёфт (-5,9 фоиз). Ҳаҷми содирот бошад аз ҳисоби содироти сангу металҳои қиматбаҳо ба мамлакатҳои хориҷи дур ва вобаста ба болоравии нархи он дар бозорҳои ҷаҳонӣ афзоиши назаррас (19,8 фоиз) дошт, ки ин ба коҳишёбии касри тавозуни савдои кишвар дар қиёс ба соли 2019 (ба андозаи -19,8 фоиз) мусоидат намуд.

**Тағйирёбии гардиши савдои хориҷӣ, бо млрд. долл. ИМА**
(манбаъ: Агентии омор)




Дар соли 2020 мисли соли қаблӣ афзоиши фишорҳои назаррас аз ҷониби нархи молҳои озуқаворӣ ба таваррум идома ёфт. Дар ҷамъбасти соли ҳисоботӣ сатҳи таваррум 9,4 фоизро ташкил дод, ки он нисбат ба соли гузашта 1,3 банди фоизӣ зиёд мебошад. Саҳми асосӣ дар афзоиши сатҳи нархҳои истеъмолӣ ба болоравии нархи маҳсулоти озуқаворӣ (13,0 фоиз) рост омад, ки ба он асосан болоравии нархҳои ҷаҳонӣ ва воридотии моводи озуқаворӣ (равғани растанӣ, орд, шакар), коҳишёбии қурби сомонӣ, омили мавсимӣ ва маҳдудиятҳои вобаста ба пандемияи COVID-19 воридшуда таъсир расонида, дар навбати худ омилҳои мазкур ба нархи дигар маҳсулоти ниёзи аввали мардум (тухм,

гӯшти чорво, маҳсулоти нонӣ, маводҳои шустушӯӣ ва доруворӣ) ва афзоиши интизориҳои таваррумӣ низ таъсиргузор буданд.

**Тағйирёбии сатҳи таваррум ва сохтори он, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор)




Вобаста ба пандемия, пастравии сатҳи талаботи ҷаҳонӣ ва коҳишёбии шадиди нархҳои ҷаҳонии нафт, бахусус дар нимсолаи аввали соли 2020 (ба ҳисоби миёнасолона - 21,0 фоиз), даромаднокии кишварҳои содиркунандаи маводи нафтиро дар минтақаи хориҷи наздик (Русия, Қазоқистон) бамаротиб кам намуда, фишорҳо ва коҳишёбиҳои қурбиро дар ин кишварҳо ба вуҷуд овард. Ин дар навбати худ ба дигар мамлакатҳои аз лиҳози иқтисоди хурдтар ва вобастагии равобити иқтисодидоштаи минтақа таъсир расонида, боиси кам шудани пешниҳоди ҷойҳои корӣ ва даромади муҳоҷирони меҳнатӣ, коҳишёбии воруди интиқолҳои пулии фаромарзӣ, афзоиши паритети номусоиди қурби самараноки воқеӣ ва талабот ба асъори хориҷӣ гардид. Аз ҷумла, омилҳои мазкур дар давоми сол фишорҳои кутоҳмуддати қурбиро ба пули миллӣ зиёд намуданд.

Бо назардошти чунин вазъ бо мақсади нигоҳдории мувозинатии макроиқтисодӣ, аз тарафи мақомоти пешбарандаи сиёсати монетарӣ дар соли 2020 дар ду ҳолат тасҳеҳи якбораи қурбӣ анҷом дода шуд, ки

дар натиҷа дар интиҳои сол коҳишёбии қурби сомонӣ нисбат ба доллари ИМА 16,6 фоизро ташкил дод.

**Тағйирёбии қурби сомонӣ нисбат ба долл. ИМА** (манбаъ: БМТ)




## 1.2. Бахши низоми бонкӣ

Дар соли ҳисоботӣ сарфи назар аз таъсири пандемияи COVID-19 вазъи низоми бонкии кишвар дар маҷмуъ раванди нисбатан муътадилро дошт. Дар соли ҳисоботӣ дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ 26,3 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ 19,7 фоиз зиёд шуданд. Ҳамзамон, уҳдадориҳо ва сармояи ташкилотҳои қарзии молиявӣ 19,1 млрд. сомонӣ ва 7,2 млрд. сомониро ташил дода, нисбат ба соли гузашта мувофиқан 21,5 фоиз ва 15,2 фоиз афзуданд.

Дар навбати худ меъёрҳои кифоятии сармоя ва пардохтпазирӣ, инчунин даромаднокии дороиҳо ва сармояи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар сатҳи мусбӣ ҷамъбаст ёфтанд. Аз ҷумла, меъёри кифоятии сармоя 18,2 фоизро (талаботи меъёрӣ - 12 фоиз) ва меъёри пардохтпазирӣ 70,5 фоизро (талаботи меъёрӣ - 30 фоиз) ташкил дод. Аз тарафи дигар, ҳассосияти тавозун ба хавфҳои асъорӣ нисбатан зиёд шуда, дар соли ҳисоботӣ афзоиши мавқеи умумии кушодаи кӯтоҳи асъорӣ, ки афзоиши уҳдадориҳои асъорӣ нисбат ба дороиҳои асъориро нишон медиҳад, мушоҳида гардид (-11,5 фоиз).

**Нишондиҳандаҳои устуворӣ ва даромаднокии молиявии ТҚМ, бо фоиз** (манбаъ: БМТ)




**Сатҳи миёнаравии молиявӣ, бо фоиз нисбат ба ММД** (манбаъ: БМТ)




Онро бояд қайд намуд, ки таъсири манфии пандемия ба фаъолнокӣ ва даромадҳои агентҳои иқтисодӣ бо коҳишёбии қурби пули миллӣ то андозае хавфҳои қарзиро дар ташкилотҳои қарзии алоҳида зиёд намуд, аз ҷумла дар баъзе ташкилотҳои қарзии заиф

бадшавии сифати дороиҳо, афзоиши қарзҳои ғайрифаъол ва уҳдадориҳои асъорӣ мушоҳида гардид.

Дар соли баррасишаванда аз ҷониби мақомоти пешбарандаи сиёсати монетарӣ ҷиҳати дастгирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва таъмини суботи молиявӣ чораҳои пешгирикунандаи таъсири пандемия ба вазъи низоми бонкӣ ва иқтисодиёт амалӣ карда шуданд. Бахусус, бо вуҷуди болоравии сатҳи таваррум аз ҳадафи пешбинишуда бо назардошти фаъолнокии сусти иқтисодӣ татбиқ гаштани сиёсати нарми контросикликӣ ва паст карда шудани меъёри бозтамвил (аз 12,75 то 10,75 фоиз) ва меъёри захираҳои ҳатмӣ (аз 3 то 1 фоиз бо пули миллӣ ва аз 9 то 5 фоиз бо асъори хориҷӣ) аз зумраи онҳост. Инчунин, ҷиҳати кам кардани фишорҳои қурбӣ дар бозори асъор, мудохилаҳои асъорӣ анҷом дода шуданд. Аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ бошад вобаста ба имкониятҳои ҷойдошта чораҳо дар самти тамдид ва таҷдид намудани қарзҳои муштариёне, ки ҳолати молиявии мушкил доштанд, бо пешниҳоди муҳлатҳои имтиёзнок андешида шуданд.

Бояд тазаккур дод, ки мушкилии асосии дар низоми бонкӣ мавҷудбуда, ки пайваста таъсири манфии худро ба вазъи низом расонида истодааст, бо ҳолати ғайриқаноатбахши бонкҳои мушкилотдор алоқамандӣ дорад. Аз ин лиҳоз, идомаёбии мушкилии бонкҳои муаммодор ҳалли саривақтӣ ва мувофиқи худро баҳри ҳимояи ҳуқуқҳои мизоҷон ва барқарор намудани эътимоднокии низоми бонкӣ тақозо менамояд.

### 1.3. Бозори қарз ва пасандозҳо

Ба ҳолати 31 декабри соли 2020 бақияи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ 10,9 млрд. сомониро ташкил дода, он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 12,2 фоиз афзуд. Дар сохтори сандуқи қарзӣ бақияи қарзҳои бо пули миллӣ додашуда 6,3 млрд. сомониро ташкил дода, 27,4 фоиз афзоиш ёфт ва бақияи қарзҳои бо асъори хориҷӣ додашуда 4,6 млрд. сомониро ташкил дода, 3,6 фоиз коҳиш ёфт. Таҳлили қарзҳо нишон медиҳад, ки вобаста ба паҳншавии пандемияи COVID-19 суръати афзоиши бақияи қарзҳо дар семоҳаи

дуюми соли 2020 нисбатан суст гардид, пас аз он оҳиста-оҳиста барқарорёбӣ дошт. Ҳамзамон, ҳассосияти талаботи аҳолӣ ба қарзҳои асъорӣ низ мушоҳида гардид.

**Тағйирёбии бақияи сандуқи қарзӣ, бо млрд. сомонӣ ва бо ҳиссаи фоизӣ** (манбаъ: БМТ)




**Суръати афзоиши солонаи бақияи қарзҳо, бо фоиз** (манбаъ: БМТ)




Бо вуҷуди оне, ки дар соли ҳисоботӣ раванди камшавии қарзҳои ғайрифаъоли ташкилотҳои қарзӣ идома ёфт, сифати дороиҳои

ташкилотҳои қарзии молиявӣ вобаста ба вазъи бонкҳои муаммодор ҳоло ҳам дар сатҳи нисбатан баланд қарор дошт. Дар сандуқи қарзӣ ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол (қарзҳои зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) 2,5 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 0,6 фоиз кам шуданд. Дар баробари ин, ҳамчун омили мусбӣ ҳиссаи онҳо дар сандуқи қарзӣ 23,8 фоизро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар соли қаблӣ 27,0 фоиз буд. Дар ҷамъбасти соли ҳисоботӣ фонди пӯшонидани талафоти имконпазир, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи қарзҳои ғайрифаъол ташкил дода шудааст, ба андозаи 4,1 банди фоизӣ коҳиш ёфта, 90,2 фоизи ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъолро ташкил дод.

Бояд қайд намуд, ки ҳассосияти тавозуни ташкилотҳои қарзӣ ба хавфҳои асъорӣ, бо вуҷуди тадриҷан кам шудани сатҳи долларишавии он ҳоло ҳам назаррас буда, вобастагии қарзҳои ғайрифаъол бо тағйирёбиҳои қурбӣ мусбӣ баҳо дода мешавад. Аз ҷумла, дар сохтори сандуқи қарзӣ 42,2 фоизи қарзҳо ба қарзҳои асъорӣ рост омада (49,1 фоиз дар соли 2019), аз бақияи умумии қарзҳои ғайрифаъол бошад дар доираи 80 фоиз ба қарзҳои асъорӣ рост меояд.

**Тағйирёбии қарзҳои ғайрифаъоли ТҚМ, бо фоиз** (манбаъ: БМТ)




Дар соли 2020 тамоюли афзоиши ҳаҷми пасандозҳои ташкилотҳои қарзӣ, бахусус сар карда аз нимсолаи дуюми сол аз ҳисоби амонатҳои бахши корпоративӣ (ташкилоту корхонаҳо) мушоҳида гардид.

Бақияи умумии пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ дар интиҳои соли сипаришуда 11,4 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли

қаблӣ 17,2 фоиз зиёд гардид. Аз он ҷумла, бақияи пасандозҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ мувофиқан 6,4 млрд. сомонӣ ва 5,0 млрд. сомониро ташкил дода, мутаносибан бо пули миллӣ 23,1 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 10,5 фоиз афзоишро нишон дод.

Аз рӯи сохтори асъорӣ ҳиссаи пасандозҳо бо пули миллӣ 55,8 фоизи ҳаҷми умумии пасандозҳо ва бо асъори хориҷӣ бошад 44,2 фоизи ҳаҷми умумии пасандозҳоро ташкил дод.

**Тағйирёбии бақияи пасандозҳо, бо млн. сомонӣ ва бо ҳиссаи фоизӣ** (манбаъ: БМТ)




**Суръати афзоиши солонаи пасандозҳо, бо фоиз** (манбаъ: БМТ)



Дар сохтори пасандозҳо аз рӯи моликият ҳаҷми пасандозҳои шахсони воқеӣ раванди нисбатан муътадили афзоишро нишон дод. Ҳаҷми бақияи умумии онҳо 5,3 млрд. сомониро ташкил намуда, нисбат ба соли гузашта 9,6 фоиз зиёд гардид. Ҳаҷми пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ бошад, аз ҳисоби амонатҳои дархостӣ, ба андозаи 24,8 фоиз афзуд.

**Тағйирёбии ҳаҷми пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ** (манбаъ: БМТ)







Меъёри фоизи миёнавазни пасандозҳои (муҳлатноки) ҷалбшудаи ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоби миёна дар соли баррасишаванда нисбатан афзоиш ёфта, бо пули миллӣ 9,93 фоиз (9,23 фоиз дар с.2019) ва бо асъори хориҷӣ 5,1 фоиз (4,03 фоиз дар с.2019)-ро ташкил дод.

**Меъёри фоизи миёнавазни моҳона аз рӯи пасандозҳои ҷалбшуда** (манбаъ: БМТ)






## 2. НИЗОМИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ МУНАЗЗАМИ ОН

Хазина ҳамчун мақоми танзимкунандаи низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ фаъолияти худро дар соли ҳисоботӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ", Стратегияи рушди Хазина барои солҳои 2017-2022 ва қарору супоришҳои Шӯрои нозирони Хазина бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар амалӣ намуд.

Дар соли 2020 коҳишёбии шумораи ташкилотҳои қарзӣ - узви низоми суғуртаи пасандозҳо аз ҳисоби қатъ гардидани фаъолияти ташкилотҳои заифу рақобатнопазир идома ёфта, Хазина дар як ҳолати суғуртавии бавуқуъомада ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорони ташкилоти қарзии барҳамдодашуда саривақт ва ба пурраги тибқи тартиби муқарраршуда пардохт намуд.

Дар соли баррасишаванда ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда ва уҳдадориҳои суғуртавии Хазина вобаста ба афзоиши ҳаҷми пасандозҳо, болоравии қурби асъори хориҷӣ ва андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки аз рӯи он маблағи ҷубронпулии суғурта муайян карда мешавад, дар маҷмуъ раванди афзоиш дошт. Ҳамзамон, пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина афзоиши муътадил дошт.

### 2.1. Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ

Ба ҳолати 31 декабри соли 2020 дар Феҳристи ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ 34 ташкилоти қарзӣ ворид карда шудааст, аз ҷумла 16 адад бонк ва 18 адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурд.

Дар соли ҳисоботӣ фаъолияти 4 ташкилоти амонатии қарзии хурд, аз он ҷумла 2 адад бинобар барҳамдиҳии маҷбурӣ, 1 адад бинобар барҳамдиҳии ихтиёрӣ ва 1 адад бинобар ба бонк табдил додан, қатъ гардид.

Дар маҷмуъ дар панҷ соли охир дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ 23 ташкилоти қарзӣ мавриди барҳамдиҳӣ қарор гирифт, аз он ҷумла фаъолияти 2 бонк ва 12 ташкилоти амонатии қарзии хурд бо сабаби барҳамдиҳии маҷбурӣ, 9 ташкилоти амонатии қарзии хурд бо сабаби барҳамдиҳии ихтиёрӣ қатъ карда шуд. Ҳамзамон, дар ин муддат 2 адад бонк бинобар азнавташкилдиҳӣ дар шакли табдилдиҳӣ ва ҳамроҳшавӣ аз Феҳрист хориҷ карда шуда, 3 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд ва 6 адад бонк (аз он ҷумла, 3 адад бинобар табдилдиҳӣ аз ТАҚХ ба бонк ва 1 адад бинобар азнавташкилдиҳӣ дар шакли ҳамроҳшавӣ аз ТАҚХ ба бонк) ба Феҳристи ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ (минбаъд - Феҳрист) дохил карда шуд.

**Шумораи ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, дар интиҳои давра** (манбаъ: Хазина)




Дар давоми соли ҳисоботӣ дар Феҳрист тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуд:

- бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2020, таҳти №1 бинобар табдилёбии ҶСК ТАҚХ “Алиф Сармоя” ба бонк, ба ҶСК “Алиф Бонк” Иҷозатнома барои анҷом додани амалиёти бонкӣ дода шуда, ба бонки мазкур Тасдиқномаи нав дар бораи узвият дар Хазина супорида шуд.

- бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №34 аз 26 феврали соли 2020, дархости ҶДММ ТАҚХ "Тиҷорат-Қарз" оид ба бозхонди иҷозатнома ва барҳамдиҳии ихтиёрӣ қонеъ карда шуда, дар ин асос узвияти ташкилоти қарзии мазкур дар Хазина тавассути хориҷ кардани он аз Феҳрист қатъ карда шуд;

- бо қарорҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2020 таҳти №145-146 иҷозатномаи ҶДММ ТАҚХ "Тиҷорат" ва ҶДММ ТАҚХ "Амонат-Қарз" бозхонд карда шуда, дар ин асос ташкилотҳои мазкур аз Феҳристи узвият дар Хазина хориҷ карда шуданд.

Дар соли 2020 боз як бонки давлатӣ таъсис дода шуд. Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 21 октябри соли 2020, таҳти №140 ба Корхонаи воҳиди давлатии бонки саноативу содиротии Тоҷикистон "Саноатсодиротбонк" барои анҷом додани амалиёти бонкӣ Иҷозатнома дода шуд.

Қайд кардан лозим аст, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" ҳар як ташкилоти қарзие, ки иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро барои ҷалби пасандозҳои шахсони воқеӣ дорад, узви Хазина мебошад. Бо вуҷуди ин, аз шумораи бонкҳои анъанавӣ - БДА ҶТ "Амонатбонк" ва КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" бинобар муассиси онҳо будани Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз ҷониби Ҳукумати ҶТ кафолат додани баргардонии амонату пасандозҳои шахсони воқеӣ, ба низоми суғуртаи пасандоҳои шахсони воқеӣ шомил намебошанд.

Ҳолати мазкур ба талаботи қонуни зикргардида, таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ва тавсияҳои коршиносони ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ[3] мухолиф буда, ҷиҳати фароҳам овардани шароити рақобати солиму баробар ва таъмини фарогирии пурраи бонкҳо дар низоми суғуртаи пасандозҳо бояд тадбирҳои зарурӣ андешид.

[3] *Дар стандартҳои байналмилалӣ (Принсипҳои асосии IADI) ба таври возеҳ гуфта шудааст, ки ҳамаи бонкҳо, аз ҷумла бонкҳои давлатӣ бояд аъзои ҳатмии низоми суғуртаи пасандозҳо бошанд. Руҷӯъ намоед ба*: https://www.iadi.org/en/core-principles-and-research/core-principles/.

## 2.2. Суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ аз ҷониби Хазина

Тибқи ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2020 ҳаҷми умумии пасандозҳои шахсони воқеӣ, ки аз ҷониби Хазина мавриди суғурта фаро гирифта мешаванд 3 450,4 млн. сомониро ташкил дода, шумораи пасандоздорони суғурташуда 483,7 ҳаз. нафарро дар бар гирифт[4]. Дар муқоиса ба интиҳои соли 2019 маблағи пасандозҳои суғурташуда 13,8 фоиз (асосан аз ҳисоби ҷалби пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии алоҳида, таъсири омили қурбӣ бо назардошти бо асъор будани аз нисф зиёди пасандозҳо) ва шумораи пасандоздорон 28,6 фоиз (асосан аз ҳисоби афзоиши суратҳисобҳои ҷорӣ) зиёд гардидаанд.

**Ҳаҷми пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ, млрд. сомонӣ** (манбаъ: Хазина)




**Шумораи пасандоздорони суғурташуда, ҳаз. нафар** (манбаъ: Хазина)




Дар соли ҳисоботӣ раванди мусбии афзоиши ҳиссаи пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ мушоҳида гардид. Аз ҷумла, дар сохтори пасандозҳои суғурташуда аз рӯи намуди асъор ҳаҷми пасандозҳо бо пули миллӣ нисбат ба соли қаблӣ 22,5 фоиз афзуда, ҳиссаи онҳо 43,6 фоиз (40,5 фоиз дар соли 2019)-и маблағи умумии пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеиро ташкил дод. Пасандозҳои асъорӣ бошанд 7,9 фоиз афзуда, ҳиссаи онҳо 56,4 фоиз (59,5 фоиз дар соли 2019)-и маблағи умумии пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеиро

[4] *Бе назардошти суратҳисобҳои пасандозие, ки тибқи моддаи 24 Қонуни ҶТ "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" суғурта намешаванд.*

ташкил дод. Ҳамзамон, аз шумораи умумии пасандоздорон суратҳисобҳои пасандоздороне, ки пасандозҳояшон бо сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ аст, мувофиқан 83,6 фоиз (76,2 фоиз дар соли 2019) ва 16,4 фоиз (23,8 фоиз дар соли 2019)-ро ташкил дод.

**Сохтори асъории пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ, млрд. сомонӣ ва бо фоиз**
(манбаъ: Хазина)




**Сохтори асъории шумораи пасандозҳои суғурташуда, ҳаз. нафар ва бо фоиз**
(манбаъ: Хазина)




Бояд ёдовар шуд, ки мутобиқи Қонуни ҶТ "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ на бештар аз 500 ва аз рӯи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ на бештар аз 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо муайян гардидааст.

Ба санаи 1 январи соли 2021 маблағи умумии пасандозҳои суғурташуда дар доираи андозаи ҷубронпулӣ, ки ӯҳдадориҳои умумии Хазинаро аз рӯи пардохти ҷубронпулӣ дар назди пасандоздорони суғурташуда нишон медиҳад, 1 202,6 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 14,6 фоиз зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии ӯҳдадориҳои Хазина 72,3 фоиз ӯҳдадорӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ ва 27,7 фоиз аз рӯи пасандозҳои асъори хориҷии шахсони воқеӣ мебошад. Дар ин давра сабаби асосии афзоиши ӯҳдадории Хазина бо зиёд шудани андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ҳаҷми пасандозҳо ва таъсири коҳишёбии қурби пули миллӣ ба ӯҳдадориҳои асъории тавозуни ташкилотҳои қарзӣ алоқаманд буд.

Маблағи уҳдадории Хазина 34,9 фоизи ҳиссаи умумии пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеиро руйпӯш менамояд (дар ҳамин давраи соли қаблӣ - 34,6 фоиз буд). Ин маънои онро дорад, ки дар мавриди эҳтимолии ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ҳамаи ташкилотҳои қарзӣ, Хазина уҳдадор мегардад ба ин баробар маблағи пасандозҳои суғурташударо ба пасандоздорон пардохт намояд.

Таҳлили сохтори пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ нишон медиҳад, ки аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда ҳиссаи бештари он - 95,8 фоиз (463,6 ҳаз. нафар) дар доираи маблағи ҷубронпулӣ пурра фаро гирифта шуда, ҳиссаи боқимондаи пасандоздорон, ки маблағи пасандозҳояшон аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд буда қисман ҷуброн карда мешаванд, 4,2 фоизи шумораи умумии пасандоздоронро (20,2 ҳаз.нафар) ташкил медиҳад. Нишондиҳандаҳои мазкур аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки шумораи аксари пасандоздорони суғурташуда аз ҷониби Хазина пурра ҳимоя карда мешавад.

**Шумораи пасандоздорони суғурташуда, ҳаз. нафар ва бо фоиз**
(манбаъ: Хазина)







Қисми бештари маблағи пасандозҳои суғурташуда маъмулан ба бонкҳо рост меояд, ки онҳо дар умум 83,2 фоизи пасандозҳои суғурташударо ташкил медиҳанд. Аз рӯи шумора низ ҳиссаи асосии пасандоздорон – 70,4 фоиз ба бонкҳо рост меояд. Дар баробари ин,

уҳдадории Хазина аз рӯи пардохти ҷубронпулии суғурта дар назди бонкҳо 76,6 фоиз ва дар назди ташкилотҳои амонатии қарзии хурд 23,4 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, ҳаҷми асосии пасандозҳои суғурташуда ва вобаста ба ин уҳдадории суғуртавии Хазина аз рӯи ташкилотҳои қарзӣ асосан миёни якчанд ташкилот таҷамуъ шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки зиёда аз 80 фоизи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ ҳам аз ҷиҳати ҳаҷм ва ҳам аз ҷиҳати шумора ба панҷ бонк ва ду ташкилоти амонатии қарзии хурд рост меояд.

**Сохтори пасандозҳои суғурташудаи ташклотҳои қарзӣ аз рӯи маблағ (А) ва шумора (Б)** (манбаъ: Хазина)

**(А)**




**(Б)**



## Таъсири афзоиши андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба самаранокии низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатӣ барои соли 2020” аз 1 январи соли 2020 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба андозаи 58 сомонӣ муқаррар карда шуда буд, ки дар натиҷа андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ аз 27 500 то 29 000 сомонӣ ва аз рӯи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ аз 19 250 то ба 20 300 сомонӣ зиёд шуд[5]. Бо назардошти он, ки нишондиҳандаи мазкур тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатӣ барои соли 2021” низ аз 1 январи соли 2021 дар ҳаҷми 60 сомонӣ муқаррар карда шуд, андозаи ҷубронпулӣ мутаносибан аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ то 30 000 сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ то 21 000 сомонӣ зиёд шуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз соли 2015 инҷониб андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо 50 фоиз зиёд шуда, он дар навбати худ боиси афзоиши ҳаҷми ӯҳдадориҳои потенсиалии Хазина аз рӯи пардохти ҷубронпулии суғурта мегардад.

**Афзоиши андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, бо сомонӣ** (манбаъ: Вазорати молия)




**Афзоиши андозаи ҷубронпулии суғурта, бо сомонӣ** (манбаъ: Хазина)




[5] *Тибқи тағйиру иловаҳои ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” аз 23.11.2015с. воридшуда, андозаи ҷубронпулӣ аз нишондиҳандаи рақамӣ (“7000 сомонӣ”) ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо иваз карда шуд.*

Умуман, тавре таҷриба нишон медиҳад, вобаста кардани андозаи ҷубронпулӣ аз “нишондиҳанда барои ҳисобҳо” (ба ҷои андозаи муайяни рақамӣ), гарчанде ки он тасҳеҳи автоматикии андозаи ҷубронпулиро пешбинӣ менамояд, бо сабабҳои мухталиф як қатор пайомадҳо ва мушкилиҳои зерини худро дар раванди танзими фаъолияти низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ зоҳир намуд:

- пеш аз ҳама тавре дар боло зикр гардид, бинобар ҳамасола тибқи Қонуни ҶТ “Дар бораи буҷети давлатӣ” зиёд шудани андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва вобаста ба он андозаи ҷубронпулӣ бо ҳисоби сомонӣ, уҳдадориҳои суғуртавии Хазина низ ҳар сол зиёд шуда истодааст;

**Афзоиши уҳдадории суғуртавии Хазина, бо млрд. сомонӣ** (манбаъ: Хазина)




**Таносуби уҳдадории Хазина нисбат ба кулли пасандозҳои суғурташуда, бо %** (манбаъ: Хазина)




- тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ қабл аз баланд бардоштани андозаи ҷубронпулӣ саравval бояд имкониятҳои ҷойдоштаи молиявӣ ба инобат гирифта шуда, муқаррар кардани андозаи ҷубронпулӣ бо назардошти афзоиши мутаносиби дороиҳои Хазина, бахусус пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина воридшаванда, ба мақсад мувофиқ мебошад. Аммо, тибқи таҳлилҳо аз соли 2015 инҷониб номутаносибии афзоиши дороиҳои Хазина ва андозаи ҷубронпулӣ мушоҳида гардида истодааст. Аз ҷумла, дар соли 2020 ҳаҷми пардохтҳои тақвимӣ дар муқоиса ба соли 2015 зиёда аз 70 фоиз кам шудааст, ҳол он ки андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо 50 фоиз ва

вобаста ба ин андозаи ҷубронпулӣ ба ҳисоби миёна беш аз 2 маротиба зиёд шудааст;

- ҳамзамон, тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ андозаи ҷубронпулӣ набояд барои аҳолӣ (пасандоздорон, муштариён ва умуман иштирокчиёни низоми бонкӣ) душворфаҳм бошад, аммо бинобар бо "нишондиҳанда барои ҳисобҳо" муқаррар гардидан, он барои аҳолӣ начандон осонфаҳм аст;

- бо сабаби душворфаҳмӣ, ба Хазина дар раванди пешбурди корҳои таблиғотӣ ва робита бо ҷомеа на ҳама вақт ба фаҳми аҳолӣ ба таври самаранок расонидани андозаи ҷубронпулӣ ва мафҳуми "нишондиҳанда барои ҳисобҳо" муяссар мегардад.

Дар ин ҷода қайд намудан бамаврид аст, ки яке аз ҳадафҳои асосӣ дар фаъолияти Хазина ин пешбурди таблиғоту ташвиқот ва баланд бардоштани саводнокии аҳли ҷомеа оид ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, афзалиятҳо ва нишондиҳандаҳои асосии он мебошад. Зеро, дар сурати доштани маълумоти дурусту кофӣ оиди ҳимоя гардидани пасандозҳои худ, мизоҷон дар ҳолатҳои бухронӣ ба хавфи ваҳм ва ба таври оммавӣ яку якбора бозпас гирифтани пасандозҳои худ, ки боиси бад гардидани вазъи ташкилоти қарзӣ мегардад, роҳ намедиҳанд. Омили мазкури равонӣ бо назардошти оне, ки низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ маблағи шумораи аксари пасандоздоронро пурра суғурта менамояд, бевосита ба таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Аз ин лиҳоз, минбаъд тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ ва бевосита бо сомонӣ муқаррар кардани андозаи ҷубронпулӣ барои бартараф намудани мушкилиҳои зикргардида, ба раванди босамари иртибот бо ҷомеа, ташвиқоту огоҳонии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи пасандозҳо мусоидат мекунад. Ҳамзамон бо ин, андозаи ҷубронпулӣ бояд на ин ки ба тариқи индексатсияи автоматикӣ балки мунтазам ҳангоми зарурат бо назардошти раванди рушди низоми бонкию молиявӣ ва иқтисодии кишвар, дар асоси баҳодиҳии воқеъбинона ва таҳлилҳои амиқ, имкониятҳои молиявии ҷойдошта ва

кифоятии маблағҳои Хазина ҷиҳати таъмини пардохти ҷубронпулӣ, аз нав дида баромада шавад.

### 2.3. Пардохти ҷубронпулии суғурта ва ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилоти қарзии узви Хазина

Дар соли 2020 дар як ташкилоти қарзии хурди узви Хазина ҳолати суғуртавӣ, ки сабаби ба вуҷуд омадани ӯҳдадории Хазина оид ба ҷуброни пули суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии муфлисшуда гардид, ба вуқӯъ омад.

Аз ҷумла, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2020 иҷозатномаи ҶДММ ТАҚХ "Тиҷорат" барои анҷом додани амалиётҳои бонкӣ бозхонд карда шуд ва мутобиқи ҳалномаҳои судӣ аз 11 ноябри соли 2020 фаъолияти ташкилоти мазкур дар асоси барҳамдиҳии маҷбурӣ қатъ ва нисбати он мурофиаи барҳамдиҳӣ оғоз гардид. Аз ҷониби Хазина дар асоси Феҳристи пешниҳоднамудаи Мудири махсус, ба пасандоздорони суғурташудаи ташкилоти қарзии мазкур тавассути бонк-агент (ҶСП ТАҚХ "Ҳумо") ба маблағи 59,0 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт карда шуд.

Дар панҷ соли охир Хазина ба пасандоздорони суғурташудаи 13 ташкилоти қарзии муфлисшуда ба маблағи умумии 23,1 млн. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт намудааст.

**Пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон бо млн. сомонӣ** (манбаъ: Хазина)



Айни замон раванди пардохти ҷубронпулӣ дар 2 бонк ва 10 ташкилоти амонатии қарзии хурд пурра ба итмом расида, танҳо дар 1 ташкилоти амонатии қарзии хурд (ҶДММ ТАҚХ "Тиҷорат") идома дорад.

**Раванди қонеъгардии талаби Хазина аз рӯи маблағҳои пардохташудаи ҷубронпулии суғурта**

Мутобиқи қонунгузорӣ ҳуқуқи талаби манфитаҳои пасандоздор баробар ба андозаи маблағи пардохташудаи ҷубронпулӣ ба Хазина вогузор карда шуда, он бояд тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ” аз ҷониби мудири махсус қонеъ карда шавад.

Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, раванди қонеъ гардонидани талаби Хазина ҳамчун қарздеҳ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда суст ба роҳ монда шудааст. То ин замон танҳо аз ҷониби ду ташкилоти қарзии барҳамдодашуда (ҶДММ ТАҚХ “Баракат” ва ҶСП ТАҚХ "Дафтари молиявӣ") талаби Хазина оиди маблағи пардохташудаи ҷубронпулии суғурта пурра иҷро гардида, аз ҷониби як ташкилот (ҶДММ ТАҚХ "Молия ва сармоя") қисман қонеъ карда шуддаст. Бояд тазаккур дод, ки маблағи аз ҷониби се ташкилоти қарзии мазкур қонеъкардашуда ҳамагӣ 1,5 фоизи маблағи умумии ҷубронпулии аз ҷониби Хазина пардохтшударо ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди барҳамдиҳӣ дар бархе аз ташкилотҳои қарзии муфлисшуда тибқи тартибу муқаррароти қонун дуруст ба роҳ монда нашуда, шаффофияти он ва назорати саривақт тибқи тартиби дар қонунгузорӣ муайяншуда иҷрои талаботи қарздеҳон муайян нест, аз ҷумла:

- мисоли ин гуфтаҳо муроҷиатҳои Хазина ба мудирони махсуси бонкҳои муфлисшуда мебошанд, ки аз онҳо Хазина борҳо дархост намудааст, ки оид ба раванди иҷроиши талаботи қарздеҳон маълумоти мушаххас пешниҳод карда шавад, вале дар бисёр ҳолатҳо Хазина нисбати дархостҳои худ ба гирифтани иттилооти зарурӣ муяссар

нагардидааст, ҳоло он ки Хазина яке аз қарздеҳони асосии ташкилотҳои қарзии муфлисшуда ба ҳисоб меравад;

- ҳамзамон, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ” бо мақсади намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои асосии қарздеҳон дар ташкилотҳои қарзии муфлисгардида кумитаи қарздеҳон таъсис дода шуда, бо розигии мудири махсус маҷлисҳои умумии қарздеҳон доир ба масъалаи барҳамдиҳии ташкилоти қарзии муфлисшуда гузаронида мешавад. Мутаассифона ба чунин кумитаҳо Хазина на даъват шудаасту на вобаста ба он ба Хазина маълумот пешниҳод мегардад;

- илова бар ин, аз Феҳристи тартиби талаботи қонеъгардонии қарздеҳон дида мешавад, ки аз ҷониби баъзе аз мудирони махсуси бонкҳои мавриди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарордошта, ҳангоми тартибдиҳии Феҳрист меъёрҳои қонуни болозикр ва ҳуқуқҳои бо ин қонун пешбинишудаи Хазина, аз ҷумла талаботи ба манфиати қарздеҳон ситонидан ва бегона кардани (фурӯхтани) дороиҳои ташкилоти қарзӣ ва тақсими маблағҳо тибқи навбат бо тартиби муқарраркардаи қонуни мазкур вайрон шудааст.

Бинобар ин, ҷиҳати риояи муносиби муқаррароти қонунгузорӣ, шаффоф гардидани фаъолияти мудирони махсус, дуруст тартиб дода шудани Феҳристи талаботи қарздеҳон ва дурустии пардохти маблағҳо ба қарздеҳон, аз болои раванди барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзии муфлисшуда мебояд назорати қатъиро ба роҳ монд.

Маврид ба қайд намудан аст, ки айни замон, тибқи қонунгузорӣ раванди барҳамдиҳии ташкилоти қарзии муфлисшуда ба ваколати мудири махсус ё барҳамдиҳанда, ки он шахси дорои шаҳодатномаи Бонки миллии Тоҷикистон[6] буда, бо қарори суд таъин ва барҳамдиҳии ташкилоти қарзиро анҷом медиҳад, вогузор карда шудааст.

Умуман, тавре таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ нишон медиҳад, дар бисёре аз мамлакатҳои дунё раванди барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзии муфлисшуда ба салоҳияти мақомот ё худ институти алоҳида

[6] *Талаботи тахассусии барҳамдиҳанда ва тартиби гирифтани шаҳодатномаи Бонки миллии Тоҷикистон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ муқаррар мегардад.*

ҷиҳати пешбурди сиёсати ягона ва шаффоф дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор вогузор карда шудааст. Ҳамзамон, дар кишварҳои хориҷи дур (ИМА, Канада, Туркия, Урдун, Корея) ва наздик (Русия, Белорусия, Украина, Озарбойҷон, Қазоқистон) ваколати барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ ба зиммаи ташкилотҳои суғуртакунандаи пасандозҳо вогузор карда шудааст.

Дар ин ҷода, истифодаи таҷрибаи мазкур ва дар низоми молиявӣ минбаъд таъсис додани чунин як мақомоти алоҳидаи бевосита дорои салоҳияти барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ, барои шаффоф, дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди муфлисшавии ташкилотҳои қарзӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

## 2.4. Арзёбии пардохтҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина

Мутобиқи Қонуни ҶТ "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина бояд ҳар семоҳа ба андозаи 0,1 фоиз барои пасандозҳои шахсони воқеӣ бо пули миллӣ ва 0,3 фоиз барои пасандозҳои шахсони воқеӣ бо асъори хориҷӣ пардохтҳои тақвимии бебозгаштро ба Хазина пардохт намоянд.

Бо дарназардошти ин, дар соли 2020 уҳдадориҳои ҳисобшудаи ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи пардохтҳои тақвимӣ 27,2 млн. сомониро ташкил дод, аммо пардохтҳои тақвимии аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ воқеан пардохтшуда танҳо 16,3 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки он нисбат ба соли қаблӣ мувофиқан 2,8 фоиз кам ва 9,0 фоиз зиёд мебошад. Мисли солҳои қаблӣ сабаби асосии фарқияти байни пардохтҳои тақвимии ҳисобшуда ва пардохташудаи ташкилотҳои қарзии узви Хазина бо иҷро нагардидани уҳдадориҳо аз рӯи пардохтҳои тақвимӣ аз ҷониби бонкҳои мушкилотдор вобаста аст.

Қобили қайд аст, ки тамоюли коҳишёбии воридшавии пардохтҳои тақвимӣ, ки аз соли 2015 инҷониб давом дорад, ба ғайр аз таъсири омилҳои бӯҳрони молиявӣ, муфлисшавии теъдоде аз ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва аз ҷониби бонкҳои мушкилотдор иҷро нагардидани уҳдадорӣ аз рӯи пардохтҳои тақвимӣ, боз бо кам

гардидани андозаи пардохтҳои тақвимӣ алоқамандӣ дорад, ки дар ин муддат андозаи он беш аз ду маротиба кам карда шудааст.

**Андозаи пардохтҳои тақвимии ТҚ ба Хазина, бо фоиз** (манбаъ: Хазина)




**Пардохтҳои тақвимии ТҚ ба Хазина, бо млн. сомонӣ** (манбаъ: Хазина)




**Таносуби дороиҳои Хазина нисбат ба уҳдадориҳои суғуртавӣ, бо фоиз** (манбаъ: Хазина)




**Уҳдадориҳои суғуртавӣ Хазина нисбат ба пасандозҳои суғурташуда, бо фоиз** (манбаъ: Хазина)




Ҳамзамон, агар ба таносуби пардохтпазирии Хазина (дороӣ нисбат ба уҳдадорӣ) назар афканем, маълум мегардад, ки аз як тараф камшавии воридшавии маблағ аз рӯи пардохтҳои тақвимӣ ва аз тарафи дигар вобаста ба афзоиши андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва коҳишёбиҳои қурбӣ, зиёд гардидани уҳдадории умумии Хазина аз рӯи пардохти ҷубронпулии суғурта (153 млн. сомонӣ дар

соли 2020 нисбат ба соли 2019), ба номувофиқатии байни дороиҳои Хазина ва уҳдадориҳои он аз рӯи ҷуброни пули суғурта, яъне ба таври мувофиқ зиёд нашудани таносуби дороӣ нисбат ба уҳдадорӣ овардааст, ки ин дар навбати худ ба афзоиши хавфҳои молиявӣ ва пардохтпазирии Хазина ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои худ низ таъсири манфӣ расонида истодааст.

## Уҳдадориҳои бонкҳои мушкилотдор дар назди Хазина

Дар соли ҳисоботӣ уҳдадории бонкҳои мушкилотдор аз рӯи пардохтҳои тақвимӣ дар назди Хазина торафт зиёд шуда, ба санаи 31 декабри соли 2020 маблағи 85,8 млн. сомониро ташкил дод. Аз ҷумла, уҳдадориҳои ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" – 41,5 млн. сомонӣ ва ҶСК "Агроинвестбонк" – 44,3 млн. сомониро ташкил медиҳад. Ҳолати мушкили пардохтпазирии бонкҳои муаммодори мазкур ва иҷро нагардидани уҳдадориҳо аз рӯи пардохтҳои тақвимӣ бевосита ба вазъи молиявии Хазина таъсири манфӣ мерасонад, зеро ҳоло ҳам то 40,0 фоизи маблағи пардохтҳои тақвимии ҳисобшуда ба ин бонкҳо рост меояд.

Хазина ба бонкҳои мушкилотдор барои иҷрои уҳдадориҳо дар назди Хазина огоҳинома дода, дар навбати худ нисбати иҷро нагардидани он ва ҷой доштани чунин ҳолати ташвишовар мунтазам Бонки миллии Тоҷикистонро хабардор намуд.

Бо вуҷуди ин ва бо назардошти ҳалли худро наёфтани масъалаи мазкур, Хазина тибқи талаботи Қонун ба Суди иқтисодии шаҳри Душанбе бо аризаҳои даъвогӣ оид ба рӯёниши пардохтҳои тақвимӣ нисбати ду бонки мушкилотдор муроҷиат кардааст, ки дар натиҷаи мурофиаҳои баррасишуда, ҳалномаҳои судӣ ба фоидаи Хазина содир карда шудааст. Мутаассифона, дар давраи ҳисоботӣ иҷрои санадҳои судӣ аз ҷониби бонкҳои муаммодор ва иҷрочиёни суд бинобар ҷой доштани мушкилиҳои пардохтпазирӣ дар бонкҳои мазкур амалӣ нашуда истодааст.

## 2.5. Санҷиши ташкилотҳои қарзии узви Хазина

Бахри таъмини фаъолияти пурсамари низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва назорати иҷрои ухдадории ташкилотҳои қарзӣ, кормандони Хазина дар соли сипаришуда тибқи супоришномаи Бонки миллии Тоҷикистон дар санҷишҳои нақшавӣ ва мавзӯии 21 ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла 11 бонк ва 10 ташкилоти амонатии қарзии хурд иштирок намуданд.

Мутобиқи "Тартиби гузаронидани санҷиши фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ оид ба суғуртаи пасандозҳо" дар рафти санҷиши ташкилотҳои қарзӣ масъалаҳои асосии зерин мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд:

1) Санҷиши саривақт ва пурра аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ гузаронидани пардохтҳо ба Хазина;

2) Санҷиши пешбурди баҳисобгирии ухдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорон;

3) Санҷиши аз ҷониби ташкилоти қарзӣ пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон дар бораи иштироки худ дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва дар бораи тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта аз рӯи пасандозҳои суғурташуда, инчунин санҷиши сатҳи дониши кормадони ташкилоти қарзӣ оид ба суғуртаи пасандозҳо;

4) Санҷиши омодагии ташкилоти қарзӣ ҷиҳати саривақт тибқи тартиби муқарраршуда омода намудани феҳристи ухдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорони суғурташуда.

Натиҷаҳои санҷиши ташкилотҳои қарзӣ нишон медиҳад, ки камбудиҳои асосии ошкоршуда аз инҳо иборат аст:

- саривақт ва пурра нагузаронидани маблағи пардохтҳои тақвимӣ ба Хазина, ки вобаста ба он дар давраи ҳисоботӣ 12,2 ҳаз. сомонӣ маблағи ноустуворона рӯёнида шуд;

- омода ва тартиб надодани феҳристи пасандоздорони суғурташуда тибқи тартиби аз ҷониби Хазина муқарраршуда аз ҷониби аксари ташкилотҳои қарзии узви Хазина.

Инчунин мушкилии муайян намудани мушаххасоти (идентификатсияи) пасандоздорон, дарҷи нопурраи маълумоти дорандагони кортҳои пардохтӣ, дар шартномаҳои пасандозӣ на ҳама вақт дарҷ шудани банди алоҳида оид ба суғурта шудани пасандозҳо ва набудани китоби бақайдгирии суратҳисобҳои пасандозӣ низ ҷой дорад.

Хазина аз рӯи натиҷаи санҷишҳои гузаронидашуда ба роҳбарияти ташкилотҳои қарзӣ барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта тавсияҳои мушаххас медиҳад, вале мутаассифона камбудии назаррасе, ки сол аз сол такрор шуда, аз ҷониби бархе аз ташкилотҳои қарзӣ нисбати ҳалли он беэътиноӣ зоҳир шуда истодааст, ин таҳияи Феҳристи пасандоздорони суғурташуда тибқи тартиби аз ҷониби Хазина муқарррароршуда ба ҳисоб меравад. Таҳлили натиҷаҳои санҷиш нишон медҳад, ки сабабҳои асосии саривақт ва дуруст тибқи талаботи муқарраршуда тартиб дода нашудани Феҳристи мазкур аз омилҳои зерин вобаста аст:

- аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ автоматизатсия ва интегратсия карда нашудани Феҳристи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ барои ҳисоб ва пардохти ҷубронпулӣ дар низоми автоматикунонидашудаи бонкӣ;

- таъмин нагардидани пуррагӣ ва дурустии вориди маълумот дар бораи пасандоздорон ба Феҳрист, аз он ҷумла оид ба мушаххасоти ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ва рақами мушаххасоти андозсупоранда (РМА).

Вобаста ба ин, Хазина дар соли 2021 талаботро нисбат ба ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати риояи пурраи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина пурзӯр хоҳад кард.

# 3. ТАЪМИНИ ИҶРОИ ДИГАР ВАЗИФАҲОИ ХАЗИНА

## 3.1. Фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳои Хазина

Яке аз манбаҳои ташаккули дороиҳои Хазина даромад аз фаъолияти сармоягузорӣ намудани маблағҳои озод ба ҳисоб меравад. Хазина дар соли ҳисоботӣ дороиҳои озоди худро тибқи талаботи Қонун бо мақсади андӯхти маблағҳо, гирифтани даромад ва нигоҳдории арзиши воқеии онҳо сармоягузорӣ кард. Бояд қайд кард, ки Хазина тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” маблағҳои худро метавонад танҳо ба коғазҳои қиматноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон ва коғазҳои қиматноки давлатҳои хориҷӣ ё бонкҳои марказии (миллии) хориҷии бонуфуз сармоягузорӣ кунад.

Зикр намудан лозим аст, ки бо мақсади таъмини риояи принсипҳои идоракунни корпоративӣ ва идоракунии хавфҳо, дар Хазина мутобиқи Сиёсати сармоягузории Хазина Кумитаи сармоягузорӣ амал менамояд. Тибқи Низомномаи он Кумитаи мазкур ҳамчун мақоми доимамалкунандаи машваратӣ барои идоракунии босамари раванди сармоягузорӣ, баррасии масъалаҳои ба сармоягузории маблағҳои озоди Хазина вобаста ва ҷиҳати қабули қарори дахлдор оид ба сармоягузории маблағҳо фаъолият менамояд.

Дар соли 2020 бо назардошти маҳдуд гардидани иштироки Хазина дар музоядаҳои коғазҳои қиматноки БМТ ва набудани дигар манбаҳои эътимодноки молиявии сармоягузорӣ дар бозори коғазҳои қиматнок, Хазина маблағҳои худро танҳо ба Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молия сармоягузорӣ кард.

Бояд қайд намуд, ки дар давоми соли ҳисоботӣ бинобар ғайриқаноатбахш будани вазъи молиявии бонкҳои мушкилотдор, эҳтимоли барҳам додани онҳо ва хавфи ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои асосӣ дар раванди сармоягузории маблағҳо ба Векселҳои давлатии хазинадорӣ ва идоракунии хавфи падохтпазирии Хазина арзёбӣ гардид. Зеро дар мавриди дар бонкҳои

мазкур ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ, Хазина бояд бевосита маблағи зарурӣро дар ихтиёр дошта, иҷрои уҳдадориҳои худро аз рӯи пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони ин бонкҳо саривақт таъмин карда тавонад.

Дар ин ҷода, дар раванди сармоягузорӣ ба векселҳои давлатии хазинадорӣ ва дар шароити набудани шарту шароити пеш аз мӯҳлат баргардонидан ва ё фурӯхтани онҳо дар бозори дуюмдараҷа, эҳтимоли ба вуҷуд омадани хавфи норасоии пардохтпазирӣ саривақт қонеъгардонии талаботҳои пасандоздоронро аз ҷониби Хазина мушкил менамояд. Бинобар ин, масъалаи идоракунии хавфи падохтпазирии Хазина ҳангоми қабули қарор оид ба сармоягузории маблағҳои Хазина дар соли баррасишаванда пайваста мавриди арзёбӣ қарор дода шуд.

Дар соли 2020 Хазина дар 10 музоядаҳои баргузоршудаи барориши Векселҳои давлатии хазинадорӣ (ВДХ) иштирок карда, дар ҳаҷми 575,0 млн. сомонӣ бо меъёри даромаднокии миёнавазни 0,99 фоизи солона ба векселҳои мазкур сармоягузорӣ намуд.

**Иштироки Хазина дар бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ, бо млн. сомонӣ ва бо фоиз** (манбаъ: Хазина)



Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ сол аз сол аз лиҳози рушд ва фарогирии бозорӣ пайваста дар як сатҳи муайян қарор дошта, амалӣ намудани тадбирҳо дар самти баланд бардоштани ҷолибияти фоизи даромаднокии Векселҳои давлатии хазинадорӣ, бо фоизҳои бозорӣ ва муҳлатнокии гуногун ба роҳ мондани барориши онҳо барои тадриҷан инкишофи бозори дохилии коғазҳои қиматноки давлатӣ бевосита мусоидат хоҳанд кард.

Дар давоми соли баррасишаванда Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молия бо меъёри то андозае паст ва бо арзёбии ҳақиқӣ манфӣ бароварда шуд, ҳол он ки дар ин давра даромаднокии фоизи миёнавазн аз рӯи коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон атрофи 10-12 фоизро ташкил дода буд. Аммо, бо назардошти сарчашмаи ягонаи сармоягузорӣ будани Векселҳои давлатии хазинадорӣ, Хазина дар музоядаҳои он бо меъёрӣ 0,99 фоиз иштирок намуд.

Бо назардошти ин, дар соли ҳисоботӣ даромади фоизии Хазина аз ҳисоби сармоягузорӣ ба векселҳо 1 524,4 ҳаз. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба соли қаблӣ 12,0 фоиз зиёд мебошад.

**Даромади фоизии Хазина аз сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматнок, бо ҳаз. сомонӣ** (манбаъ: Хазина)



## 3.2. Такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина

Дар соли ҳисоботӣ раванди такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина ва низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, ҷиҳати ҷавобгӯ намудани санадҳо ба талаботҳои муосир идома ёфт. Дар ин робита, аз ҷониби Хазина ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуда, лоиҳаҳои як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод карда шуданд, аз он ҷумла:

1. Бо назардошти тибқи Қонуни ҶТ "Дар бораи буҷети давлатӣ барои соли 2020" аз 1 январи соли 2020 зиёд шудани андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ба "Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи №2-Х "Маълумот оид ба сохтори пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ дар Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" тағйиру иловаҳои дахлдор ворид шуда, он бо Қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №4, аз 4 марти с.2020 қабул гардид;

2. "Барномаи интишори маълумот барои оммаи васеъ дар бораи нақши низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" бо Қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №5, аз 4 марти с.2020 қабул гардид;

3. Низомнома "Оид ба сиёсати баҳисобгирии муҳосибии Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" бо Қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №7, аз 24 июли с.2020 қабул гардид;

4. Дастурамал "Дар бораи сиёсати Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ оид ба бархӯрди манифатҳо" бо Қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №8, аз 24 июли с.2020 қабул гардид;

5. "Тартиби аз ҷониби Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ пешбурди Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" бо Қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №9, аз 24 июли с.2020 қабул гардид;

6. "Тартиби ҳамкории Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ бо бонк-агентҳо ҳангоми пардохти ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда" бо Қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №10, аз 24 июли с.2020 қабул гардид.

7. “Тартиби ҷудо намудани қарз ҳангоми касри Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №622, аз 26 ноябри соли 2020 қабул гардид.

## Таҳия гардидани механизми маблағгузории касри Хазина

Мутобиқи муқаррароти боби 9-и Принсипҳои калидии Ассотсиатсияи Байналмилалии Суғуртакунандагони Пасандозҳо (IADI): «*Суғуртакунандаи пасандозҳо бояд маблағҳои зуд дастрасшаванда ва тамоми механизмҳои маблағгузорӣ, ки барои пардохти фаврии ҷубронпулии пасандоздорон заруранд, аз ҷумла механизмҳои боэътимоди маблағгузорӣ дар ҳолатҳои фавқулоддаро дошта бошанд*».

Бояд қайд кард, ки моддаи 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” ҳангоми нарасидани маблағи Хазина, муроҷиатро оид ба гирифтани қарз ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷуброни касри маблағҳои худ пешбинӣ менамояд. Аммо, дар Қонуни мазкур ба ғайр аз муқаррароти асосӣ, тартиби мушаххаси механизми маблағгузории касри Хазина муайян нагардидааст.

Ин дар навбати худ мавҷуд будани тартиби мушаххаси механизми маблағгузории касри Хазинаро тақозо менамояд. Зеро ки дар ҳолатҳои бухрони шадиди молиявию бонкӣ хавфи муфлисшавии бонкҳои калон ва низомсоз зиёд гардида, захираи молиявии Хазина барои пурра пардохт намудани маблағи ҷубронпулӣ ба пасандоздорон ва нигоҳ доштани суботи молиявӣ метавонанд кофӣ набошад.

Афзалияти роҳандозӣ ва зарурати ба тасвиб расонидани механизми маблағгузории касри Хазина, ки он барои пешгирии хавфи шиддатнокии иҷтимоӣ дар байни пасандоздорон ва аҳолӣ, таъмини эътимоднокӣ ва суботи молиявӣ муҳим мебошад, бевосита аз тарафи ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ (аз он ҷумла, Бонки Ҷаҳонӣ, Хазинаи Байналмилалии асъор, Бонки Осиёгии Рушд) низ дарҷ карда шудааст.

Вобаста ба ин, бо мақсади таъмини суботи молиявӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои пасандоздорон ва таҳкими боварии аҳолӣ ба

низоми бонкӣ, тибқи қарори Пайнавишти ҷаласаи Шӯрои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2020, Вазорати молия, Хазина ва Бонки миллии Тоҷикистон вазифадор карда шуда буданд, ки лоиҳаи Тартиби амалӣ гардонидани механизми маблағгузории касри Хазинаро тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ омода ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

Хазина дар ин самт дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникӣ "Оид ба баланд бардоштани сатҳи суғуртакунии пасандозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ ба Хазина дар давоми солҳои 2017-2019 расонида шуда буд, бо мушовирони Бонки Ҷаҳонӣ ҳамкорӣ намуд, ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ лоиҳаи ибтидоии Тартиби мазкур таҳия ва расман пешниҳод гардид[7]. Бо назардошти ин, Хазина лоиҳаи санади мазкурро ба Вазорати молия ҷиҳати баррасӣ ва пешниҳоди он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд.

Лоиҳаи таҳияшуда аз ҷониби Вазорати молия бо назардошти тағйиру иловаҳо омода гардида, ба маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд, ки дар натиҷа он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри с.2020, №622 "Дар бораи Тартиби ҷудо намудани қарз ҳангоми касри Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" тасдиқ карда шуд. Тартиби мазкур дар ҳолати касри маблағи Хазина пеш аз ҳама аз тарафи Вазорати молия пешниҳод гардидани қарзро ба Хазина пешбинӣ менамояд.

Зикр намудан зарур аст, ки дар ҳолатҳои эҳтимолии бухронҳои системавӣ, яъне ҳангоми муфлисшавӣ ва барҳамхӯрии якчанд бонкҳои калон, минбаъд захираҳои молиявии Хазина метавонад барои пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон кофӣ набошад.

Дар ин ҷода, қабул ва дар ҳолати зарурӣ амалӣ гардидани Тартиби мазкур барои ҷуброн намудани камомади (касри) маблағи Хазина ва таъмини устувории молиявии низоми суғуртаи пасандозҳо, пардохти саривақти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ва пешгирии хавфҳои системавӣ ва таъмини устувории низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита мусоидат хоҳад кард.

---

[7] Гузориши хотиравии Бонки Ҷаҳонӣ аз 22 майи соли 2019.

Дар давоми соли ҳисоботӣ дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ, ки яке аз қисматҳои татбиқшавандаи он таҳия ва ба расмият даровардани “Ёддошти тафоҳум байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ оид ба ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот” ба ҳисоб мерафт, лоиҳаи санади мазкур таҳия гардида, барои баррасии Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Илова бар ин, дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии мазкур аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ як қатор тағйиру иловаҳои зарурӣ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” пешниҳод карда шуд. Дар натиҷа, дар интиҳои соли 2020 аз ҷониби Хазина лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ” ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи боҷи давлатӣ” таҳия карда шуда, барои баррасӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

### 3.3. Фаъолияти таблиғотӣ ва робита бо ҷомеа

Яке аз ҳадафҳои асосӣ дар фаъолияти Хазина ин пешбурди таблиғоту ташвиқотӣ ҷиҳати баланд бардоштани саводнокии аҳли ҷомеа оид ба моҳият ва нақши низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, афзалиятҳо ва нишондиҳандаҳои асосии он ва ба ин васила таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми суғуртаи пасандозҳо ва низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад. Зеро, аксарияти мизоҷон ҳангоми доштани

маълумоти кофӣ оиди ҳимоя гардидани пасандозҳо, дар ҳолатҳои бухрони бонкӣ ба тарсу ваҳм ва ба таври оммавӣ яку якбора бозпас гирифтани пасандозҳои худ, ки боиси шиддатнокӣ ва бад гардидани вазъи низоми суботи молиявӣ мегардад, роҳ намедиҳанд. Омили мазкури равонӣ бо назардошти оне, ки низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ маблағи шумораи аксари пасандоздоронро (зиёда аз 95 фоиз) пурра суғурта менамояд, бевосита ба таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Хазина тайи соли охир ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии раванди корӣ дар самти корҳои ташвиқотӣ, паҳнсозии маълумот ва огоҳонии оммаи васеъ оид ба моҳияти низоми суғуртаи пасандозҳо, корҳои муайяне анҷом дода, қабул намудани санадҳои меъёрии дахлдор оид ба тартиби пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон дар бораи низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, нашри маводҳои таблиғотӣ, ба истифода қарор додани сомонаи нави Хазина, саҳифа дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва маркази тамос аз зумраи онҳо мебошад.

Аз ҷумла, дар давоми соли ҳисоботӣ бо мақсади тақвияти сиёсати иттилоотӣ – коммуникатсионии Хазина ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ дар бораи низоми суғуртаи пасандозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сомонаи расмии Хазина (www.idif.tj) дар шакли нав мавриди истифода қарор дода шуд. Сомонаи корпоративии таҷдидшудаи Хазина боз ҳам фаъолнок гардида, он бо дизайни муосир ва интерфейси қулай, ки хусусиятҳои Хазинаро ҳамчун ташкилоти танзимкунандаи фаъолияти низоми суғуртаи пасандозҳо инъикос мекунад, тарҳрезӣ карда шудааст.

Хазина оид ба масъалаҳои мухталифи соҳа, аз ҷумла оид ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина, тағйиротҳо дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, оид ба феҳристи ташкилотҳои қарзӣ - узви Хазина, нишондиҳандаҳои таҳлилӣ, оид ба суғуртакунии пасандозҳо ва ахборот вобаста ба фаъолияти Хазина маълумот омода карда, мунтазам дар сомонаи худ ҷойгир намуд.

Бо мақсади ба роҳ мондани раванди мунтазами паҳнсозии маълумот, огоҳонӣ ва ташкили корҳои фаҳмондадиҳӣ ба аҳли ҷомеа оид ба нақши низоми суғуртаи пасандозҳо, афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои он, инчунин баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ, дар соли ҳисоботӣ лоиҳаи "Барнома оид ба интишори маълумот барои оммаи васеъ дар бораи нақши низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" омода карда шуда, он бо Қарори Шӯрои нозирони Хазина қабул гардид.

Хазина бо мақсади  баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзӣ як қатор чорабиниҳо, аз қабили озмун ва иқдомҳои марбут ба ҷалби пасандозҳо, ташкили вохӯриҳо бо аҳолӣ оид ба фаҳмонидани моҳияти суғуртаи пасандозҳо, пахш намудани маводҳои таблиғотию ташвиқотӣ оид ба амалиётҳои пасандозӣ дар воситаҳои ахбори умумро амалӣ намуд.

Ҳамзамон, бо ин мақсад таҳия ва чопи буклетҳо ва нишонҳои худчасп бо назардошти инъикоси ангораи (логотип) нави Хазина таҳия карда шуд, ки он дорои маълумоти муфассал дар бораи низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ мебошад.

Бахри баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ маводҳои таблиғотӣ (рекламавӣ) барои телевизион ва алоҳида барои радио таҳия карда шуд. Вобаста ба ин, дар давоми соли ҳисоботӣ тавассути телевизиони давлатии "Тоҷикистон" ва радиои "Имрӯз" чор маротиба маводҳои иттилоотӣ, аз он ҷумла видеоролик ва маводи таблиғотӣ дар бораи фаъолияти низоми суғуртаи пасандозҳо пахш карда шуд.

Барои ҷойгир кардани маводҳои таблиғотӣ дар телевизион ва радио бо телевизиони "Тоҷикистон", "Ҷаҳоннамо", телевизиони вилояти Суғд ва бо радиои "Имрӯз" шартнома баста шуд, ки аз рӯи баҳодиҳии ташкилотҳои тадқиқотӣ ин воситаҳои иртибот зиёда аз 70 фоизи аҳолии Тоҷикистонро фаро мегиранд.

### 3.4. Сохтори ташкилӣ ва кормандони Хазина

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” мақоми олии идоракунии Хазина Шӯрои нозирони Хазина буда, он барои назорати умумии фаъолияти Хазина масъул мебошад. Шӯрои нозирон Хазина аз ҳайати зерин иборат аст:

- Раиси Бонки миллии Тоҷикистон – Раиси Шӯрои нозирон;
- Муовини Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ;
- Раиси Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон;
- Раиси Хазина.

Сохтори ташкилии Хазина аз Раис ва кормандони Хазина иборат аст. Раиси Хазина барои идоракунии фаъолияти ҷории Хазина ва иҷрои қарорҳои Шӯрои нозирони Хазина масъул мебошад.

Ба санаи 31 декабри соли 2020 ҳайати кормандони Хазина мутобиқи ҷадвали вазифавӣ аз 9 нафар корманди зерин иборат аст: Раис, муовини Раис, сармуҳосиб, сариқтисодчӣ, иқтисодчии пешбар, иқтисодчӣ, ҳуқуқшинос, мутахассис оид ба кор бо ҷомеа ва ронанда. Муносибати кормандон бо Хазина дар асоси шартномаи меҳнатӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ин давра як нафар корманд ба кор қабул шуда, як нафар корманд бо хоҳиши худ аз кор озод шудааст.

Дар шароити кунунӣ, бо дарназардошти ҷой доштани мушкилиҳо дар низоми бонкӣ, вазифаҳои Хазина дар таъмини суботи молиявии кишвар ва нақши он дар таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ зиёд мегардад.  Бинобар ин, зиёд гардидани ваколатҳои Хазина ва иштироки он дар таъмини суботи молиявӣ, минбаъд таҷдиди сохтори ташкилӣ, аз он ҷумла зиёд намудани ҳайати кормандони Хазинаро тақозо менамояд.

Вобаста ба ин, аз ҷониби ҳайати коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ низ дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникӣ “Оид ба баланд бардоштани сатҳи суғуртакунии пасандозҳо” иқтидори Хазина нокифоя арзёбӣ карда шуда, ҷиҳати пурзӯр намудани иқтидори Хазина, ҷорӣ намудани рукнҳои идоракунии корпоративӣ ва идоракунии хавфҳо, инчунин ворид намудани тағйирот ба сохтори ташкилии Хазина тавсияҳо дода

шуд. Аз ҷумла пешниҳод гардид, ки дар ҷадвали вазифавии Хазина воҳидҳои кории зерин ворид карда шавад: аудитори дохилӣ, мутахассис оид ба идораи хавфҳо, мутахасис оид ба идораи захираҳои кадрӣ ва мутахассис оид ба технологияҳои иттилоотӣ.

### 3.5. Ҳамкориҳои байналмилалӣ

Хазина дар соли 2020 бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз ҷумла ХБА, БАТР ва БОР бо мақсади ривоҷ додани ҳамкориҳои дуҷониба якчанд вохӯриҳо гузаронид. Дар рафти ин вохӯриҳо масъалаҳои дарёфти кӯмаки техникӣ ва дар ин ҷода муайян намудани самтҳои асосии ҳамкориҳо ва лоиҳаҳои имконпазир, аз он ҷумла дар самти дастгирии механизми маблағгузории касри Хазина, беҳтар намудани корҳои таблиғотӣ ва ташвиқотӣ оид ба низоми суғуртаи пасандозҳо, идоракунии босамари дороиҳо ва рушди бозори коғазҳои қиматнок, баланд бардоштани сатҳи тайёрии касбӣ ва малакаи кории кормандони Хазина мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Аз ҷумла, Хазина дар доираи лоиҳаи "Барнома оид ба рушди бахши молиявӣ ва идоракунии фискалӣ" бо ҳайати намояндагони БОР тариқи фосилавӣ мулоқот (видеоконференсия) анҷом дод. Бояд қайд кард, ки барномаи мазкур ва лоиҳаи кӯмаки техникии пешниҳодшаванда бо мақсади дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати гузаронидани ислоҳот дар самти таҳкими устувории низоми молиявӣ, тавсеаи дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва такмилдиҳии идоракунии бахши фискалӣ равона гардида, яке аз компонентҳои он бевосита бо тақвияти заминаи институтсионалии Хазина алоқаманд мебошад.

Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои вобаста ба фаъолияти Хазина, аз ҷумла хавфи нокифоягии маблағи Хазина барои ҷуброни пули пасандоздорон ва дар ин ҷода ҷиҳати ҳалли он барпои хатти қарзии захиравии Хазина бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, васеъ намудани сатҳи фарогирӣ ва андозаи суғуртакунии пасандоздорон, такмили сиёсати сармоягузорӣ ва сохтори амалиётии Хазина, беҳтарнамоии раванди барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ, инчунин

масъалаҳои баланд бардоштани савияи дониши кормандони Хазина мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Хазина дар соли ҳисоботӣ бо кишварҳои узви Кумитаи минтақавии Авросиёи Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо (IADI) низ ҳамкориҳои судмандро идома дод. Бояд зикр намуд, ки Ассотсиатсияи мазкур соли 2002 бо мақсади мусоидат ба нигоҳ доштани устувории низоми молиявӣ тавассути рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи суғуртаи пасандозҳо ва паҳн намудани дастурҳо оид ба ташкил ва такмили низомҳои суғуртаи пасандозҳо, инчунин ҳавасмандгардонии робитаҳои байналмилалӣ байни суғуртакунандагони пасандозҳо ва дигар ҷонибҳои манфиатдор, ташкил дода шудааст. Аз ҷумла, “Принсипҳои асосии IADI барои низомҳои самараноки суғуртаи пасандозҳо” ҳамчун як стандарти эътирофшудаи байналмилалӣ мебошад, ки аз ҷониби Шӯрои суботи молиявӣ (FSB) ба Маҷмӯаи стандартҳои ҷаҳонии низомҳои солим, устувор ва хубфаъолияткунандаи молиявӣ ворид карда шудааст.

Хазина дар Кумитаи мазкур ба сифати мушоҳид фаъолият намуда, иштирок дар ҷаласаҳои он имкон медиҳад, ки фаъолияти худро дар самти омӯзиши таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ оид ба суғуртакунии пасандозҳо, самаранок ва устувор намудани низоми миллии суғуртакунии пасандозҳо, инчунин рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ байни ташкилотҳои суғуртакунии пасандозҳо ривоҷ ёбад.

## 4. ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ ХАЗИНА

Тибқи ҳисоботи тавозунӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2020 маблағи (дороиҳои) умумии Хазина 309,9 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 20,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Манбаи асосии афзоиши маблағи Хазина ин пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзии узви Хазина ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, дар соли ҳисоботӣ саҳми пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ дар афзоиши маблағи Хазина 80 фоизро ташкил дод.

Тибқи тағйиру иловаҳои ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" воридшуда (ҚҶТ аз 3.08.2018., тахти №1551), ташкилотҳои қарзӣ бояд пардохтҳои тақвимии бебозгаштро аз рӯи уҳдадориҳои худ вобаста ба асъор - бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ ба Хазина пардохт намоянд. Аз ин лиҳоз, маблағи Хазина аз бақияи маблағҳои бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ ташаккулёфта, иборат мебошад. Аз ҷумла, аз маблағи умумии Хазина 280,2 млн. сомонӣ ё худ 90,4 фоиз ба пули миллӣ ва 29,7 млн. сомонӣ ё худ 9,6 фоиз ба асъори хориҷӣ рост меояд.

Бояд қайд кард, ки ворид гардидани тағйиру иловаҳои мазкур айни муддао буд ва он ҳамчун омили мусбӣ имконият медиҳад, ки минбаъд таносуби кифоятии маблағҳои Хазина нисбат ба афзоиши уҳдадориҳои суғуртавии бо асъор ифодаёфтаи Хазина, вобаста ба хавфи асъорӣ дуруст идора карда шавад.

**Маблағи Хазина ба ҳолати 31 декабр, бо млн. сомонӣ**




Суръати афзоиши солонаи маблағи Хазина дар ин давра раванди мусбӣ дошта, афзоиши он дар чор соли охир нишондиҳандаи зиёдтарини 7,1 фоизро нишон дод. Тавре қаблан таҳлилҳо нишон доданд (ниг. ба банди 2.4 ҳисоботи мазкур), афзоиши нисбатан сусти сатҳи маблағҳои Хазина нисбат ба солҳои 2015-2016 асосан бо коҳиш

гардидани андозаи пардохтҳои тақвимӣ, муфлисшавии теъдоде аз ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва аз ҷониби бонкҳои муммодор иҷро нагардидани уҳдадорӣ аз рӯи пардохтҳои тақвимӣ, вобастагӣ дорад.

Андозаи ниҳоии маблағи Хазина бошад, ки таносуби маблағи Хазинаро нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои шахсони воқеии ташкилотҳои қарзӣ инъикос менамояд, 5,8 фоизро ташкил намуд. Андозаи ниҳоӣ тибқи Қонун дар ҳаҷми 7,0 фоизи бақияи умумии пасандозҳои шахсони воқеӣ, ки дар ташкилотҳои қарзӣ мавҷуд аст, муқаррар карда шудааст. Раванди коҳиш ёфтани андозаи ниҳоии маблағи Хазина дар соли 2020, асосан бо суръати зиёдтар доштани афзоиши ҳаҷми пасандозҳои шахсони воқеӣ назар ба афзоиши дороиҳои Хазина вобастагӣ дорад.

**Суръати афзоиши дороиҳои Хазина ва пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ТҚ, бо фоиз** (манбаъ: Хазина)




**Андозаи ниҳоии маблағи Хазина, бо фоиз**
(манбаъ: Хазина)




Хазина фаъолияти молиявии худро дар соли 2020 бо фоида ба маблағи 4 026,4 ҳаз. сомонӣ ҷамъбаст намуд, ки ин нисбат ба соли гузашта 7,6 маротиба зиёд мебошад (дар соли 2019-ум 527,9 ҳазор сомониро ташкил дода буд).

Дар соли ҳисоботӣ даромади умумии Хазина 5 244,7 ҳаз. сомониро ташкил дод. Аз ҷумла, даромади фоизии Хазина ба маблағи 1 524,4 ҳаз. сомонӣ аз ҳисоби сармоягузорӣ ба Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молия ба даст оварда шудааст. Даромадҳои дигари Хазина,

ки аз ҳисоби ноустуворонаи пардохткардаи ташкилотҳои қарзӣ ва аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ дар соли ҳисоботӣ ба даст оварда шудааст, маблағи 3 720,4 ҳаз. сомониро ташкил намуд.

Хароҷотҳои амалиётии Хазина дар соли 2020 мутобиқи харҷномаи аз ҷониби Шӯрои нозирони Хазина тасдиқшуда амалӣ карда шуд. Маблағи умумии хароҷоти Хазина дар соли ҳисоботӣ 1 218,3 ҳаз. сомонӣ (1 260,8 ҳаз. сомонӣ дар соли қаблӣ)-ро ташкил дод, ки он дар доираи хароҷотҳои ба нақша гирифташуда ҷамъбаст гардидааст.

**Даромади софи Хазина, бо ҳаз. сомонӣ** (манбаъ: Хазина)




Санҷиши фаъолияти молиявии Хазина барои соли 2020 аз ҷониби ширкати аудитории ҶДММ "Консултант аудит" гузаронида шуд. Тибқи хулосаи ширкати аудиторӣ фаъолияти молиявии Хазина дар соли 2020 хуб баҳо дода шуда, харҷномаи Хазина, ки аз тарафи Шӯрои нозирони Хазина тасдиқ гардида буд, риоя карда шудааст.

## 5. НАҚШАҲОИ ХАЗИНА БАРОИ СОЛИ 2021

Бо мақсади таъмини самаранокии фаъолияти минбаъдаи Хазина, баланд бардоштани мақоми он, танзим ва рушди низоми суғуртаи

пасандозҳои шахсони воқеӣ, инчунин афзун намудани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар, Хазина фаъолияти худро дар соли 2021 дар самти иҷрои тадбирҳои зерин вусъат хоҳад дод:

- баланд бардоштани омодагии Хазина ба эҳтимолияти амалӣ гаштани ҳолатҳои суғуртавӣ ва такмили раванди пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон;
- такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- таъмини шаффофияти амалиётӣ, пурзӯр намудани раванди назорати дохилӣ ва идораи хавфҳо, таҳкими сохтори идоракунии корпоративӣ дар Хазина;
- беҳтар намудани раванди автоматикунонии ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзӣ;
- идоракунии босамари дороиҳо ва зиёд намудани захира барои ҷуброни пасандозҳо;
- васеъ намудани сатҳи фарогирии суғуртаи пасандозҳо;
- вусъат додани корҳои таблиғотӣ ва ташвиқотӣ оид ба моҳияти низоми суғуртаи пасандозҳо;
- пурзур намудани фаъолият ҷиҳати қонеъ гардидани талаботи Хазина аз ҷониби ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда;
- ба роҳмонии ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ.

## ЗАМИМАҲО

1. Тавозуни муҳосибавии Хазина ба ҳолати 31 декабри соли 2020;
2. Ҳисоботи маҷмӯии фоида ва зиёни Хазина ба ҳолати 31 декабри соли 2020;
3. Тавозуни воситаҳои гардони Хазина ба ҳолати 31 декабри соли 2020;
4. Ҳисобот оид ба тағйиротҳо дар сармояи Хазина ба ҳолати 31 декабри соли 2020;
5. Феҳристи ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2020.

Замимаи №1

**ТАВОЗУНИ МУҲОСИБАВИИ**
**Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ**
**ба ҳолати 31 декабри соли 2020 (бо сомонӣ)**

| | **31.12.2020** | **31.12.2019** |
|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | |
| Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзиши онҳо | 184 916 277 | 169 601 011 |
| Дороиҳои молиявӣ то муҳлати пардохт | 124 687 968 | 119 700 450 |
| Фоизҳои ҳисобшуда барои гирифтан | 231 521 | 130 024 |
| Воситаҳои асосӣ | 73 605 | 68 348 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 23 036 | 11 327 |
| Дигар дороиҳо | 6 895 | 32 273 |
| **Ҷамъ дороиҳо** | **309 939 303** | **289 543 433** |
| | | |
| **УҲДАДОРИҲО** | | |
| Дигар уҳдадориҳо - пули миллӣ | 31 634 | 26 633 |
| **Ҷамъ уҳдадориҳо** | **31 634** | **26 633** |
| | | |
| **САРМОЯ** | | |
| Сармояи пардохтшудаи саҳомӣ | 590 232 | 590 232 |
| Сармояи изофа | 1 970 286 | 1 970 285 |
| Захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда | 303 243 195 | 286 878 762 |
| Фоидаи тақсимнашуда (зарар) | 4 103 956 | 77 521 |
| **Ҷамъ сармоя** | **309 907 669** | **289 516 800** |
| **ҶАМЪ УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | **309 939 303** | **289 543 433** |

Замимаи №2

## ҲИСОБОТИ МАҶМӮИИ ФОИДА ВА ЗИЁНИ
**Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ**
**ба ҳолати 31 декабри соли 2020 (бо сомонӣ)**

| | 31.12.2020 | 31.12.2019 |
|---|---|---|
| **ДАРОМАДҲО** | | |
| Даромади фоизӣ | 1 524 360 | 1 360 869 |
| Даромад (зарар) аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | 3 708 113 | 297 749 |
| Дигар даромадҳо | 12 269 | 129 998 |
| **Ҷамъ даромадҳо** | **5 244 742** | **1 788 616** |
| | | |
| **ХАРОҶОТҲО** | | |
| Хароҷотҳои фоизӣ | 0 | 0 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | (1 218 306) | (1 260 755) |
| **Ҷамъ хароҷотҳо** | **(1 218 306)** | **(1 260 755)** |
| **Фоида (зиён)-и соф дар давраи ҳисоботӣ** | **4 026 436** | **527 861** |

Замимаи №3

# ТАВОЗУНИ ВОСИТАҲОИ ГАРДОНИ
## Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ
## ба ҳолати 31 декабри соли 2020 (бо сомонӣ)

| | 31.12.2020 | 31.12.2019 |
|---|---|---|
| **Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | | |
| Пардохти ҳаққи узвият | 0 | 30 000 |
| Пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ | 16 240 454 | 15 090 282 |
| Бозгашти ҷубронпулии пардохтшуда аз ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда | 180 000 | 110 000 |
| Дигар даромадҳо | 12 269 | 129 997 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | (1 199 298) | (1 215 142) |
| Пардохти комиссия ба бонк-агентҳо | (472) | (3 337) |
| Пардохти боҷи давлатӣ | 0 | (5 419) |
| Пардохти ҷубронпулии суғурта | (56 300) | (305 848) |
| Пешпардохти ҷубронпулии суғурта | (2 675) | (27 892) |
| Бозгашти ҷубронпулии пардохтнашуда | 28 170 | 5 552 |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | **15 202 148** | **13 808 194** |
| **Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | | |
| Хариди амвол ва таҷҳизот | (17 140) | (13 079) |
| Харидории таҷҳизотҳои корӣ | (150) | (182) |
| Харидории дориҳои ғайримоддӣ | (13 050) | 0 |
| Даромад аз фурӯши моликият ва таҷҳизотҳо | 0 | 0 |
| Фоизи (дисконти) гирифташуда аз рӯи коғазҳои қиматнок | 1 422 864 | 1 410 383 |
| Харидории коғазҳои қиматнок | (573 564 654) | (448 876 686) |
| Бозгашти воситаҳои пулии ба коғазҳои қиматнок сармоягузоришуда | 568 577 136 | 513 714 430 |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | **(3 594 994)** | **66 234 866** |
| **Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | | |
| Барориши саҳмияҳои оддӣ | 0 | 0 |
| Суди саҳмияҳои оддӣ | 0 | 0 |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | **0** | **0** |
| **Тағйирёбии қурби асъор** | **3 708 112** | **297 749** |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ** | **15 315 266** | **80 340 809** |
| Воситаҳои пулӣ дар аввали сол | 169 601 012 | 89 260 203 |
| Воситаҳои пулӣ дар охир сол | 184 916 278 | 169 601 012 |

Замимаи №4

**ҲИСОБОТИ ОИД БА ТАҒЙИРОТҲО ДАР САРМОЯИ**
**Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ**
**ба ҳолати 31 декабри соли 2019 (сомонӣ)**

| | **Сармояи саҳҳомии пардохтшуда** | **Фоида/ зарари тақсим-нашуда** | **Сармояи изофа** | **Захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда** | **Ҷамъ** |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бақия ба санаи 01.01.2020** | **590 232** | **77 520** | **1 970 286** | **286 878 762** | **289 516 800** |
| Фоидаи (зиён) софи давраи ҳисоботӣ | 0 | 4 026 436 | 0 | 0 | 4 026 436 |
| Зиёдшавии сармояи изофа | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Зиёдшавии захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда | 0 | 0 | 0 | 16 240 454 | 16 240 454 |
| Истифодаи захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда (ҷубронпулӣ) | 0 | 0 | 0 | (56 300) | (56 300) |
| Бозгашти ҷубронпулии пардохтшуда | 0 | 0 | 0 | 180 279 | 180 279 |
| **Бақия ба санаи 31.12.2020** | **590 232** | **4 026 436** | **1 970 286** | **303 243 195** | **309 907 669** |

Замимаи №5

**ФЕҲРИСТИ**
**ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ**
**ба ҳолати 31 декабри соли 2020**

| № | Номгӯи ташкилоти қарзӣ | Тасдиқнома № | Суроғаи ташкилоти қарзӣ |
|---|---|---|---|
| | **Бонкҳо** | | |
| 1 | ҶСК ”Агроинвестбонк” | 001 | ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ, 21 |
| 2 | ҶСК ”Ориёнбонк” | 002 | ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 95/1 |
| 3 | ҶСК ”Тоҷиксодиротбонк” | 003 | ш. Душанбе, кучаи Беҳзод, 47 |
| 4 | ҶСК ”Бонки Эсхата” | 006 | ш. Хуҷанд, кучаи Гагарина, 135 |
| 5 | ҶСП ”Аввалин бонки молиявии хурд” | 007 | ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 105 |
| 6 | ҶСП ”Кафолатбонк” | 009 | ш. Душанбе, хиёбони ак.Раҷабовҳо 4/1 |
| 7 | ҶСП ”Бонки рушди Тоҷикистон” | 010 | ш. Душанбе, кучаи Пушкин, 20 |
| 8 | ҶСП ”Халиқ Бонк Тоҷикистон” | 011 | ш. Душанбе. кучаи Айнӣ, 24 ”а” |
| 9 | ҶСП ”Спитамен Бонк” | 013 | ш. Душанбе, кучаи Шамсӣ 4 |
| 10 | ҶСП Бонки "Арванд" | 025 | ш. Хуҷанд, хиёбони И. Сомони 1А |
| 11 | ҶСП "Бонки фаръии БМП Покистон дар Тоҷикистон" | 042 | ш. Душанбе, кучаи Айни 48 |
| 12 | ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 055 | ш. Душанбе, кучаи Бухоро 27 |
| 13 | ҶСК “Алиф Бонк” | 056 | ш. Душанбе, кӯчаи Ф.Ниёзӣ 51 |
| 14 | ҶСП "Бонки Осиё" | 057 | ш. Душанбе, кучаи Бухоро 43 |
| 15 | ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 058 | ш. Душанбе, н. Сино к. Ҷ. Расулов 10 |
| 16 | Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 060 | ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 88 |
| | **Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд** | | |
| 17 | ҶСП ТАҚХ “Ҳамров” | 016 | ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 172/2. ҳ..29 |
| 18 | ҶДММ ТАҚХ “Тамвил” | 019 | ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 127 |
| 19 | ҶДММ ТАҚХ “Фазо С” | 020 | ш. Душанбе, к.. Деҳи боло 180 |
| 20 | ҶДММ ТАҚХ ”Финка” | 022 | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов 9 |
| 21 | ҶДММ ТАҚХ ”Зудамал” | 023 | ш. Душанбе, к.М.Турсунзода, 3/1 |
| 22 | ҶДММ ТАҚХ “Матин” | 026 | ш. Хуҷанд, кучаи Шарқ 84 |
| 23 | ҶДММ ТАҚХ “Арғун” | 027 | ш. Душанбе, кучаи Фотеҳ Ниёзӣ 36 |
| 24 | ҶДММ ТАҚХ “Душанбе Сити” | 030 | ш. Душанбе, кучаи Соҳилӣ 5 |
| 25 | ҶДММ ТАҚХ “Сомон-Тиҷорат” | 038 | ш. Душанбе, кучаи Н. Қарабоев, 58 |
| 26 | ҶДММ ТАҚХ “Азизӣ-Молия” | 041 | ш. Хуҷанд, кучаи Ленин 203 Б |
| 27 | ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл" | 044 | ш. Хуҷанд, мик-р. 17, иншооти 2 |
| 28 | ҶДММ ТАҚХ "Тезинфоз" | 045 | ш. Душанбе, кучаи Айни 7 |
| 29 | ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" | 046 | ш. Душанбе, кучаи Н. Карабоев 148/1 |
| 30 | ҶСП ТАҚХ "СМТ-Сармоя" | 047 | ш. Душанбе, кучаи Шевченко 46 |
| 31 | ҶДММ ТАҚХ "Сарват М" | 049 | ш. Душанбе, кучаи Советӣ, 18 |
| 32 | ҶДММ ТАҚХ "Рушди Ориён" | 054 | ш. Панҷакент, хиёбони Рудакӣ 14 |
| 33 | ҶСП ТАҚХ "Ардо-Капитал" | 059 | ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 22 |
| 34 | ҶДММ ТАҚХ "Васл" | 061 | ш. Душанбе, кучаи Зебунисо 1 |